**ТАЪРИХИ ПАРЧАМИ ТОЧИКИСТОН**

Парчами давлатии Чумхурии Точикистон рамзи истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон мебошад. Парчами Чумхурии Точикистон 24-ноябри соли 1992 пазируфта шудааст. Парчами давлатии Чумхурии Точикистон матои росткунчае, ки дар руи он се рахи рангаи ба таври уфуки чой гирифта кашида шудааст; рахи боло ранги сурх дошта,пахнои он ба рахи сабзи поён баробар мебошад; рахи сафеди мобайнӣ якуним баробари пахноии яке аз раххои ранга аст. Дар рӯи рахи сафед дар мобайни парчам бо зархал рамзи точ тасдик шудааст ва дар болои он хафт ситора тасвир шудааст. Таносуби бару дарозии парчам 1:2 аст. Рангхои милии точикон чун дигар мардуми ориённажод ва эронитабор сурху сафеду сабз аз давраи кадим то кунун замон расидаанд.

Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон дар Паёми телевизионии худ ба муносибати Рӯзи Парчам аз 23 ноябри соли 2010 рангхои парчами миллиро «ифодагари рохи таърихии халки Точикистон ва баёнгари арзишхои фарханги миллӣ ва сиёсӣ» донист ва гуфт: Ранги сурх-рамзи муборизаву чоннисории халк барои озодӣ ва истиклол, Ранги сафед-нишони бахту саодат, умеду орзу ва ранги сабз-нишонаи сарсабзиву шукуфои, сарбаландиву хуррамӣ ва абадият мебошад. Дар байни парчам тасвири точ ва хафт ситора чой гирифтааст, ки он ишора ба решахои таърихии давлатдории Точикистони сохибистиклол мебошад. Парчам таърихи кухан дорад. Аз хамон замоне, ки таърихи точикон сар шуда буд, дар он парчам хам ёдрас мешуд. Дар бораи истифода бурдани парчам аз тарафи ачдодони мо дар китоби Авесто кайд карда шудаст. Аввалин парчаме,ки дар китоби Авесто кайд карда шудааст,ин Дирафши Ковиёни буд.

Дар асоси ривоятхои кадима, ки дар Шохномаи Абулкосимӣ Фирдавсӣ оварда шудааст «Дирафши Ковиёнӣ» дар вакти шуриши эронихо бо сардории Коваи охангар ба мукобили Захок пайдо шудааст. Кова пешдомани чармини худро дар нӯги найза баста, бо ин парчам шуришгаронро ба пеши Фаридун, ки аз авлоди шохи Эрон буд овард.Ба Фаридун ин парчам писанд омад ва онро бо ситораи тиллоии чор шуоъдор ва сангхои киматбахо

ва се ранг-сурх, сафед, нилгун ороиш дода,номи Дирафши Ковиёнӣ номгузорӣ намуд.

Дар давраи хукумронии «Ахоманишинихо» парчам шакли дигар гирифта буд. Дар ин парчам укоби тиллоӣ дар мобайн ва аз пахлӯхо матоъхои секунчашакли сафед, сурх, сабз тасвир ёфтааст.

Сулолаи Аршакидхо 250 хазор сол то солшумории мо Эронро аз хукумронии юнонихо озод карда дорои парчами махсуси худ гардиданд. Парчам аз матои чоркунчашакл иборат буда дар мобайн ситораи чоршуоъдор ва дар нӯги найза укоби болкушода, ки дар чангхояш кулулахои тилло дорад, тасвир ёфтааст. Яъне ин дирафш дар якчоягӣ аз дирафши Ковиён ва Ахоманишинхо гирифта буд.

Дар давраи сулолаи Сосониён, ки онхо худро кавми ахоманишинхо мешумориданд, парчами худро «Дирафши Ковиёнӣ интихоб карданд. Инчунин дар ин давра нишонаи давлатии сосониён мохи нопурра ба хисоб мерафт ва то холо хамчун аломатӣ дини ислом то ба давраи мо расидааст.

***ПАРЧАМИ ДАВРАИ ХОНИГАРИИ БУХОРО***

Парчами амири Бухоро матои росткунча, рангаш сафеду сабз,ки дар он бо арабӣ навишта шудааст «Султон-сояи Худо» дар тарафи дигар навишта шудааст, ки «Нест Худое чун оллох ва Мухаммад расули Худо» тасвир ёфтааст. Дар байни ин ду навиштачот тасвири мохи нопурра ва ситораи 5-гӯшаи тиллоӣ чойгир карда шудааст. Канорхои ин матоъ бо накшхои ранги сиёх-гулобӣ накшу нигор карда шудаст.

2 сентябри соли 1920 амири Бухоро аз сари хокимият дур карда шуда ба чои он Республикаи Халкии Советии Бухоро ташкил карда шуд, ки ба таркиби он кисмхои марказӣ, чануби-шаркии Точикистон дохил мешуд. Нишони парчами давлатии Республикаи Халкии Советии Бухоро аз ду матои бо хам часпидаи сурху сабз таркиб ёфта дар он дар мобайн расми ним мох ва ситораи панчгӯша тасвир ёфтааст .Р.Х.С.Б.

14 августи 1923 комитети ичрояи Бухоро карор кабул кард, ки дар парчам тагиротхо

дароварда шаванд. Ранги сабзро бардошта, факат ранги сурхро монданд.

Аз соли 1924 то 1929 Республикаи Автономии Сотсиалистии Точикистон ташкил карда шуд, ки парчами пештараро тагир дод. Парчам аз матои сурх иборат буда дар он герби Чумхурии Автономии Сотсиалистии Точикистон тасвир карда шуда буд. Дар дохили герб досу болга, аз канорхояш хушаи гандуму пахта тасвир ёфтааст. Дар канори герб навишта шудааст: «Пролетархои хамаи мамлакатхо як шавед».Аз соли 1953-1991 парчами чумхурии советии Сотсиалистии Точикистон хамчун рамзи давлатӣ кабул карда шуд. Ин парчам аз 4 ранг иборат буда андозаи рангхо гуногун буд. Дар болои ранги сурх , дос ва болга ва болои онхо ситораи панчгӯша тасвир ёфтааст.

***ПАРЧАМ РАМЗИ ДАВЛАТДОРИИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН***

Парчами давлати Чумхурии Точикистон рамзи истиклолияти давлатӣ, иттиходи вайроннашавандаи коргару дехкон ва зиёиён, дӯстиву бародарии хамаи миллатхои сокини чумхури мебошад ва бо карори Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон 24 ноябри соли 1992 кабул карда шудааст.

Парчами давлати Чумхурии Точикистон матои росткунчаест,ки дар рӯи он се рахи ранга ибо таври уфуки чойгирифта кашида шудааст: рахи боло ранги сурх дошта, пахнои он ба рахи сабзи поён баробар мебошад: рахи сафеди мобайни якуним баробари пахнои яке аз раххои ранга аст.

Ранги сурх- мубориза ва чоннисории халк дар рохи озодӣ ва истиклолият,

Ранги сафед- Бахту икболи сафед,нияти неки халкамон,

Рангӣ сабз- саъю кӯшиш ва захмату мехнати халк,ки аз он кишварамон сарсабзу хуррам мешавад.

Парчами давлати Чумхурии Точикистон дар чойхои зайл афрохта мешавад: дар болои бинохои кароргохи расмии Призиденти Чумхури Точикистон, мачлиси Олӣ Чумхурии Точикистон, хукумати Чумхурии Точикистон, судхо, макомотхои ичрояи махалхо (хукуматхо).

Мувофики амри Призиденти Чумхурии Точикистон, Раёсати мачлиси Олӣ Чумхурии Точикистон ё Хукумати Чумхурии Точикистон Парчами давлатии Чумхурии Точикистон хангоми гузаронидани маросими тантанавӣ, ки макомоти давлатӣ мегузаронад, афрохтан мумкин аст.

***ПАРЧАМ - МУКАДДАСОТИ МИЛЛӢ***

Оре, парчам худ мукаддас аст. Парчам ин рамзи давлат мебошад. Аз ин сабаб парчамро мукаддасоти миллӣ гуфтаанд. Ин хама рамзу мукаддасот аз чӣ шабохат медихад? Инхама дастовардхо аз истиклолият вобаста аст.Шукрона мекунем ва фахр аз он дорем, ки точикему сохиби истиклолем. Ин албатта боиси хушнудӣ аст.

***Худо он миллатеро сарваре дод, ки такдираш ба дасти хеш бинвишт.***

***Ба он миллат сару коре надорад, ки дехконаш барои дигарон кишт.***

Тирамохи соли 1991 дар сарзамини мо, яъне Точикистон навзоде бо номи Истиклол чашм ба олами хастӣ кушод. Баъди он, ки Точикистон озод гардид, соли 1992 Парчамро кабул намуд. Ва то имрӯз он тифли навзоде, ки буд устуворона кадам мезанад. Парчам низ се рангро дар бар мегирад ва хар гохе, ки ба рангхои ӯ менигари худ ба худ табассум мекунӣ, ачаб ному ранги дилфиреб дорад. Парчаму истиклолият беихтиёр ба даст наомадаанд.Онхо захмати хеле зиёдеро талаб карданд. Ва бо азобу машакат мо сохиби он шудаем.Аз хамин хотир ба хама буду нобудаш шукр мекунем.

***Рахми Парвардигори мо омад,***

***Нури хак бар диёри мо омад,***

***Чанги бунёдсӯзи мо бигзашт,***

***Сулху бунёдкорӣ мо омад.***

Кош хама ба ин нодиртарин ганчи диёр бирасад ва то охир мисли чон онро дар калби хеш парвариш намоед. Ин хама аз мо вобаста аст. Бехуда Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон нагуфтааст: Чавонон ояндаи миллатанд.

***Дурахши парчамат човидон бод Точикистони азизам.***

**Алидодов Тутишо Мералишоевич – н.и.ф-м., ходими пешбари илмии Маркази омӯзишва тадбики манбахои баркароршавандаи энергияи Институти физикаю техникаи ба номи С.У. Умарови Академияи миллии илмхои Точикистон.**

**Ботуров Кодир - н.и.ф-м., ходими пешбари илмии Маркази омӯзишва тадбики манбахои баркароршавандаи энергияи Институти физикаю техникаи ба номи С.У.**

**Умарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.**